**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «05» 07 соли 2024 № 212/8 ш. Душанбе

*Дар бораи рад кардани баробарарзиш эътирофсозии диплoми дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 06 апрели соли 2024, № 309/04 доир ба баробарарзиш эътироф кардани диплoми дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (соҳаи хизматрасонӣ) (ИКД №002492), ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон аз 31 октябри соли 2019, №8к-1/14 ба Шукуров Сӯҳроб Музафаршоевич дода шудааст, бинобар ҷавобгӯ набудан ба талаботи бандҳои 37 ва 104 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) рад карда шавад.
2. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Вализода Ҳ.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 июли соли 2024, №7

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ